**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ФАРМОИШ

**Правительство Республики Таджикистан**

# РАСПОРЯЖЕНИЕ

аз I9 январи соли 2016 №__I–ф

ш. Душанбе

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо мақсади сари вақт ва бо сифат таҳия намудани Буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2019, истифодаи самараноки захираҳои молиявии давлатӣ ва ҷорӣ намудани банақшагирии миёнамӯҳлати молиявӣ:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зеринро оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2019 ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017» ба анҷом расонад:

- то 1 феврали соли 2016 Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019 ва нақшаи тақвимӣ оид ба таҳияи лоиҳаи буҷетро омода намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намояд;

- корро дар самти ҷорӣ намудани Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ пурзӯр намуда, дастури методологии буҷети барномавиро таҳия ва дар соҳаҳои таҷрибавӣ озмоиш намояд;

- то 15 марти соли 2016 вобаста ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодие, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ҳаҷми даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд;

- то 1 июни соли 2016 дар доираи таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2019 ба баррасии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андозро барои ҳар як сол, ки маълумоти зеринро дар бар мегиранд, пешниҳод намояд:

а) нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ аз рӯи даромад, хароҷот, касри он ва ҳаҷми қарзи давлатӣ;

б) нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ;

в) нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ;

г) ҳаҷми умумии хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ;

д) пешниҳоди хароҷоти афзалиятнок барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ, бо дарназардошти пешниҳодоти дахлдори тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ;

- то 1 июли соли 2016 Дастурамал оид ба таҳия намудани лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 ва дурнамои онро барои солҳои 2017-2019 таҳия намуда, ба вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор расонад;

- то 1 июли соли 2016 ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷетиро аз рӯи соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ барои солҳои 2017-2019 муайян намуда, то 5 июли соли 2016 онро ба вазоратҳои соҳавии дахлдор ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ расонад;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатиро барои солҳои 2018-2019 то 20 сентябри соли 2016 барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

2. Вазорату идораҳои аз ҳисоби Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузоришаванда:

- то 1 феврали соли 2016 аз рӯи афзалиятҳои соҳавӣ барои таҳияи барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавӣ гурӯҳҳои кории байниидоравӣ таъсис диҳанд;

- мутобиқи нақшаи тақвимии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавиро барои баррасӣ ба гурӯҳи кории буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- лоиҳаҳои барномаҳои соҳавиро, ки дар давраи миёнамӯҳлат маблағгузориро аз Буҷети давлатӣ талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои тасдиқгардидаи Буҷети давлатӣ барои солҳои 2017-2019 таҳия ва пешниҳод намоянд.

3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- то 1 марти соли 2016 баҳодиҳии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2017-2019, инчунин Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣ;

- то 15 июли соли 2016 дурнамои аниқшудаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2017 ва самтҳои асосии он барои солҳои 2018-2019, инчунин Нақшаи миёнамӯҳлати сармоягузорӣ ва тақсимоти сармоягузориҳои асосии муттамарказ аз рӯи ҳар як иншоот.

4. Бонки миллии Тоҷикистон то 1 марти соли 2016 дурнамои қурби миёнаи солонаи доллари ШМА, нисбат ба пули миллӣ ва сатҳи таваррумро барои солҳои 2017-2019 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

5. Вазорату идораҳо, ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидории давлатӣ ва бонкҳо то 1 марти соли 2016 оид ба ҳисоби воридоти андозӣ, аз ҷумла андоз аз фоида, воридоти ғайриандозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет барои солҳои 2017-2019 аз рӯи самти фаъолият бо корхонаю муассисаҳои тобеашон дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

ВАЗОРАТИ МОЛИЯ
Р.В. № 01-90
22 01 2016
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

6. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 майи соли 2016 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- оид ба дурнамои даромадҳои Буҷети давлатӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ дар алоҳидагӣ дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- оид ба манбаи андозбандии андозсупорандагони азими ҷумҳурӣ дар миқёси вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин маблағи ҳисобинамудаи ин корхонаҳо;

- оид ба маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи намудҳои андоз, низомҳои махсуси андозбандӣ (Фасли XVI Кодекси андоз) ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ (Фасли XVII Кодекси андоз) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои соли 2015.

7 . Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 майи соли 2016 маълумоти зеринро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд:

- оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ;

- оид ба маблағи имтиёзҳои андозӣ аз рӯи намудҳои андоз ва номгӯи корхонаю муассисаҳо аз соли 2015 то соли 2017;

- оиди ба воридоти молҳои зериаксизӣ бо ифодаи ҳаҷм ва арзиш дар солҳои 2015 - 2017.

8. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 майи соли 2016 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои дурнамои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯи даромад ва хароҷотро барои солҳои 2017-2019 пешниҳод намоянд.

9. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2016 маълумоти зеринро барои солҳои 2017-2019 пешниҳод намояд:

- оид ба лоиҳаҳои давлатии сармоягузории бо ҷалби кӯмаки беруна амалишаванда ва лоиҳаҳое, ки дар давраи миёнамӯҳлат татбиқ мегарданд;

- ҳисоб аз рӯи маблағи умумии аз хусусигардонии объектҳои моликияти давлатӣ воридшаванда;

- оид ба суди саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки дар сармояи оиномавии онҳо ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошад;

- оид ба воридоти маблағҳо аз ҳисоби ба иҷора додани амволи давлатии ба моликияти ҷумҳуриявӣ мансубдошта.

10. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2016 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- оид ба шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишон додани масоҳати заминҳо ба ҳолати 1 январи соли 2016;



- оид ба масоҳати молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин дигар намудҳои фаъолият барои муайян намудани манбаи андоз аз молу мулки ғайриманқули онҳо барои солҳои 2017-2019 тибқи муқаррароти моддаи 279 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11. Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани манбаи андозбандии андоз аз воситаҳои нақлиёт оид ба шумораи воситаҳои нақлиёт ба 1 январи соли 2016 дар миқёси вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то 1 марти соли 2016 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

12. Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик", Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Тоҷиктелеком", Корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати Алюминийи Тоҷик", Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" то 1 майи соли 2016 оид ба ҳаҷми солонаи воридоти маблағҳои андозӣ ва ғайриандозӣ мувофиқи ҷадвали тасдиқнамудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзиши хизматрасониҳо барои солҳои 2017-2019 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

13. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Корхонаи воҳиди давлатии «Хӯрокворӣ» то 15 феврали соли 2016 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, маҳсулоти зераксизӣ, бақияи маҳсулоти зериаксизӣ, ки дар анборҳои корхонаҳо мавҷуд мебошад ва дурнамои воридоти андоз барои солҳои 2017-2019 дар миқёси корхонаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намоянд.

14. Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" оид ба ҳаҷми солона ва арзиши хизматрасонии коммуналии истифодашаванда дар миқёси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ то 1 марти соли 2016 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

15. Вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, марказҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ то 1 марти соли 2016 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оид ба истифодаи қарзҳои берунии бо кафолати давлат ҷалбгардида, инчунин ҳисобҳоро барои давраи миёнамӯҳлат оид ба маблағҳои ҷалбшаванда пешниҳод намоянд.

16. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ:

- ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳаҷми сохтмонҳои нотамом аз рӯи иншооти аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ сохташаванда ва дараҷаи омодагии онҳо ба ҳолати 1 январи соли 2016 то 1 феврали соли 2016 ва ба ҳолати 1 июли соли 2016 то 1 августи соли 2016 маълумот пешниҳод намоянд;

- барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавиро тибқи Низомнома оид ба таҳия ва ҷорӣ намудани Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, №409 тасдиқ гардидааст, пешниҳод намуда, зимни таҳияи онҳо афзалиятҳоро, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳўриҳояшон бо аҳли ҷомеа, инчунин барномаҳои миллӣ ва соҳавии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида муайян гардидаанд, ба инобат гиранд;

- дар ҳаҷми умумии захираҳои молиявие, ки барои татбиқи барномаҳои миёнамӯҳлати хароҷоти соҳавӣ заруранд, дар алоҳидагӣ маблағҳои буҷетӣ, маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои дахлдор аз ҳисоби қарзҳо, грантҳо, инчунин грантҳои мустақим ва хизматрасониҳои пулакиро (маблағҳои махсус) нишон диҳанд.

17. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ лоиҳаҳои буҷетҳои маҳаллиро аз рӯи даромаду хароҷот барои соли 2017 таҳия намуда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҷадвали тасдиқгардида пешниҳод намоянд.

18. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назоратро аз болои иҷрои фармоиши мазкур таъмин намуда, ҳар семоҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои талаботи фармоиши мазкур аз ҷониби вазорату идораҳо ҳисобот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон                                        Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ